«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
______ н.и.и З.Ҳ.Ибодзода
«28» 11 ______ с. 2020, №56

**НИЗОМНОМАИ**
**Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»**

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Низомномаи мазкур дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия шуда, тартиби ташкил ва фаъолияти Маркази ба қайдгирӣ машваратӣ ва тестиро ба танзим медарорад.

1.2.Маркази бақайдгирӣ ва машварати ва МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» бо мақсади таъмини шароити мусоид барои рушди системаи дохилидонишгоҳии назорати сифати раванди таълим ва таъмини воридсозии ченаки объективии баҳодиҳии фаъолияти омӯзгорон ва донишандӯзии донишҷӯёни донишкада ташкил карда шудааст.

1.3. Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ сохтори мустақили таркибии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» буда, фаъолияти Марказ дар асоси Оинномаи донишкада ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад. Марказ бевосита ба ректори донишкада итоат менамояд.

## 2.МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

2.1.Мақсад ва вазифаҳои асосии Марказ иборат аст аз:

- ба таври васеъ ворид намудани технологияҳои тестӣ бо мақсади рушди системаи дохилидонишгоҳии таъмини сифати тайёр кардани мутахассисон;
- таъмини усули ягонаи илмӣ- методӣ ва илмӣ-техникӣ (барномавӣ) дар равандҳои коркард ва истифодабарии маводҳои тестӣ дар асоси технологияҳои муосир МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»;

Сканировано с CamScanner

2.2.Ташкили фаъолияти Марказ:

- ҳамоҳангсозии ташкил ва гузаронидани санҷиши ҷорӣ, аттестатсионӣ ва ҷамъбастии дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён аз рӯи фанҳои тахассусии донишкада дар шакли тестӣ;
- гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ доир ба масъалаҳои тестӣ;
- ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳо, намоиш ва озмунҳои гуногундараҷа доир ба масъалаҳои рейтингҳои фосилавӣ ва санҷишу имтиҳони тестӣ;
- ба нашр тайёр кардани адабиёти таълимӣ-методӣ доир ба масъалаҳои рейтингҳои фосилавӣ ва санҷишу имтиҳони тестӣ;
- ҳамоҳангсозии ташкил ва гузаронидани санҷиши тестии гуногундараҷаи муттамарказонидашудаи довталабон;
- ҳамкорӣ бо дигар муассисаву ташкилотҳои марбута доир ба масъалаҳои рейтингҳои фосилавӣ ва санҷишу имтиҳони тестӣ;
- ташкили маълумотҳои иловагӣ ва дигар хизматрасониҳо доир ба самтҳои фаъолияти Маркази тестӣ;

2.3.Фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-методии Марказ дар асоси нақшаҳои корӣ бо иштироки факултетҳо ва кафедраҳои МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ва дигар муассисаҳои таълимӣ амалӣ мегардад.

## 3.СОХТОР ВА ИДОРАКУНӢ

3.1.Сохтори Марказ ва басти вазифаҳо аз тарафи ректори донишкада тасдиқ карда мешавад.

3.2.Фаъолияти Марказро директори Марказ, ки аз тибқи тартиби муқарраршуда аз тарафи ректори донишкада тайин ва озод карда мешавад, идора мекунад, салоҳияти директори Марказро Низомномаи мазкур, қарорҳои Шурои олимон ва фармоишҳои ректори донишкада муайян мекунанд.

3.3.Директори Марказ:

- дар фаъолияти худ ҳуҷҷатҳои дар банди 1-и Низомномаи мазкур дарҷшударо ба роҳбарӣ мегирад;
- дар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Марказ аз ном ва ба манфиати МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимолии Тоҷикистон» дар доираи ваколатҳои худ амал мекунад;
- ташкили дурусти корро ба роҳ монда, иҷроиши вазифаҳои Марказро дар самти ба даст овардани мақсадҳо, ки дар Низомномаи мазкур муайян карда шудаанд, таъмин менамояд;
- барои иҷроиш ва иҷроиши нопурраи вазифаҳои Марказ, ки дар Низомномаи мазкур муайян карда шудаанд, масъулияти фардӣ дорад;
- ба роҳбарияти донишкада пешниҳод манзур мекунад:
- доир ба самтҳои афзалиятнок, нақша ва барномаҳои фаъолияти Марказро дар соли таълимӣ ва ё мӯҳлатҳои дарозмуддат;

- доир ба тағйиротҳои ҷории сохтор ва бастҳои вазифавии Марказ; музди меҳнат, реҷаи кории кормандон;

3.4.Кормандони Марказ бо пешниҳоди директори Марказ аз рӯи тартиби муқарраршуда бо фармоиши ректори донишкада тайин карда мешаванд;

3.5.Кормандони Марказ дар фаъолияти худ Низомномаи мазкур, нақшаҳо ва барномаҳои тасдиқшудаи Марказ, супориш ва дастурҳои сардори Марказро дар қисми фаъолияти Марказ ба роҳбарӣ мегиранд;

3.6.Ташкил ва гузаронидани корҳои гуногуни илмӣ-методӣ, илмӣ-техникӣ (барномавӣ) ва хусусияти дигар дошта дар доираи бастҳои вазифавии Марказ амалӣ мешаванд, инчунин дар асоси шартнома дар ҳаҷми мушаххаси кор бо бастани шартномаи ҷавобгӯ миёни донишкада ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ.

3.7. Барномасози Марказ бевосита ба директории марказ тобеъ буда, корҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

- таъминоти барномавии коркарди натиҷаҳои санҷиши тестиро иҷро мекунад;
- фаъолияти воситаҳои электорониро таъмин мекунад;
- дастгирии техникии санҷиши тестиро дар Марказ таъмин мекунад;
- ҳолати техникии воситаҳои электронии дар Марказ истифодашавандаро назорат мекунад;
- вазифаҳои аз тарафи роҳбарияти донишкада ва директори Марказ гузошташударо иҷро мекунад.

## 4.МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДӢ

4.1.Заминаи моддӣ-техникии Марказро кабинети корӣ, ҳуҷра, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва асбобу анҷомҳои дигари аз тарафи донишкада ҷудокардашуда ташкил медиҳанд.

4.2.Марказ ҳамчун зерсохтори донишкада аз ҳамаи намудҳои хизматрасонии муттамарказонидашуда бархурдор аст.

4.3.Корҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ аз тарафи омӯзгорони кафедраҳо ва кормандони Марказ амалӣ мегардад.

4.4.Фаъолияти Марказ дар доираи маблағҳои донишкада, маблағгузорӣ карда мешавад.

## 5.ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

5.1.Бо қарори Шурои олимони донишкада ба Низомномаи мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

5.2. Таҷдиди сохтор ва қатъ гардидани фаъолияти Марказ:

- бо қарори Шӯрои олимони донишкад ва фармоиши ректори донишкада;
- дар дигар ҳолатҳо, тибқи тартибе, ки дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, амалӣ мегардад.

4.1.Заминаи моддӣ-техникии Марказро кабинети корӣ, ҳуҷра, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва асбобу анҷомҳои дигари аз тарафи донишкада ҷудокардашуда ташкил медиҳанд.

4.2.Марказ ҳамчун зерсохтори донишкада аз ҳамаи намудҳои хизматрасонии муттамарказонидашуда бархурдор аст.

4.3.Корҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ аз тарафи омӯзгорони кафедраҳо ва кормандони Марказ амалӣ мегардад.

4.4.Фаъолияти Марказ дар доираи маблағҳои донишкада, маблағгузорӣ карда мешавад.

## 5.ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

5.1.Бо карори Шурои олимони донишкада ба Низомномаи мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

5.2. Таҷдиди сохтор ва қатъ гардидани фаъолияти Марказ:

- бо карори Шӯрои олимони донишкад ва фармоиши ректори донишкада;
- дар дигар ҳолатҳо, тибқи тартибе, ки дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, амалӣ мегардад.

5.3.Ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми фаъолияти Марказ эҳё шудаанд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нигоҳ дошта мешаванд.

Низомномаи Маркази бақайдгирӣ ва машваратии Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” дар Шурои олимони донишкада аз 26 11 2020, №5/5-13 баррасӣ карда шудааст.

Сканировано с CamScanner